**Ғафури Мӯъминзод**

# ШУКРОНА

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-49

Муҳаррир *Гурез Сафар*

М-49 **Ғафури Мӯъминзод. Шукрона** (шеърҳо). – Душанбе, «Адиб», 2011, 20 саҳ.

Ин маҷмӯа меҳрномаи Ғафури Мӯъминзод ба Тоҷикистон – ин Ватану ин хоку ин сарзамин аст, ки хеле содаву равон рӯи варақ омада.

© Ғафури Мӯъминзод, 2011

## КИШВАРИ МО

Кишвари мо номдор аст,
Мардуми он бахтёр аст.

Гашта хуррам мулки тоҷик,
Чун шукуфта навбаҳор аст.

Кӯҳсору оби покаш
Дар ҷаҳон овозадор аст.

Хоки покаш хуштар аз он,
Ҳам насимаш хушгувор аст.

Номи некаш бар забонҳо
Рафта андар ҳар диёр аст.

Сулҳу оромӣ ба олам
Сарвари онро шиор аст.

Аз талошу кӯшиши ӯ
Тоҷик акнун тоҷдор аст.

Он ки ӯ ғамхори халқ аст,
Номи некаш пойдор аст.

## МАШЪАЛИ СУЛҲ

Аё, эй машъали сулҳу амонӣ,
Аё, эй мазҳари илму маонӣ.

Туӣ ҷӯяндаи роҳи адолат,
Сафою дӯстиро пуштибонӣ.

Зи Ҷамшеду Фаридун ёдгорӣ,
Зи Рустам монда дар олам нишонӣ.

Фурӯғи офтоби субҳгоҳӣ,
Маҳе дар осмони ориёнӣ.

Дуруду офарин гӯем бар ту,
Ки мулки тоҷиконро Қаҳрамонӣ!

## ТОҶИКИСТОНИ КОМРОН

Кохи Ваҳдат-кохи нури тоҷикон,
Меваи бахту сурури ин замон.

Нақби Истиқлол, адли Шарқу Ғарб
Мекунад пайванд ақсои ҷаҳон.

Ҷой дорад дар сари кӯҳи баланд
НОБ-и Роғун ҳамчу шеди осмон.

Меҳани мо мекунад рушду нумӯъ,
Боғу бустонаш баҳори бехазон.

Раҳбари мо соҳиби адли баланд,
Парчами сулҳ аст з-ӯ партавфишон.

Меҳану миллат сарафрозанд з-ӯ,
Илму ирфонаш шуда то осмон.

Шукри Истиқлолу ободӣ кунем,
Давлати Сомонӣ шуд аз нав ҷавон.

Дар тамаддунпарварӣ соҳибҳунар,
Тоҷикистон шуд ба олам комрон.

## ДУШАНБЕ

Душанбе пойтахти тоҷикон аст,
Шукуфон чун баҳори бехазон аст.

Чароғи илму донишаш фурӯзон,
Замину осмонаш бекарон аст.

Ҷавононаш саодатманду бебок,
Ба олам бо ҳунармандӣ баном аст.

Зи Ҷамшеду Фаридун, пури Сино
Макону манзиле бар орифон аст.

Хурӯшон мардумаш чун рӯди Варзоб,
Ба сӯи қуллаи мақсад равон аст.

Нигаҳбонаш бувад доим Худованд,
Ки он парвардаи асру замон аст.

Шакаррез аст рӯди Ваҳдаташ, бин,
Ҳазор ободие дар ӯ ниҳон аст.

Саодатманд бошад ҷовидона,
Ба олам чун нигин номаш нишон аст.

## ШАҲРИ ДИЛҲО

Аё, эй шаҳри гулҳо-боғу бустон,
Душанбеям, ту зеби Тоҷикистон.

Гулистони Ирам пеши ту ҳеҷ аст,
Туӣ хуштар зи гулҳои баҳорон.

Зи сулҳу амният саршор бошӣ,
Дар озодӣ туӣ болу парафшон.

Халоиқ шодмон андар канорат
Зи шодӣ ҳаст ҳар як ҷоннисорат.

Хаёлам, хуштар аз боғу биҳиштӣ,
Ба дил тухми муҳаббатро ту киштӣ.

Ба ин боду ҳавои дилписандат,
Ба ширинии оби ҳамчу қандат.

Ба ҷону тан ҳаловатбахш монӣ,
Яқин донам, ки машҳури ҷаҳонӣ!

## АССАЛОМ

*Эҳдо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

Ассалом, эй фахри даврон, ассалом,
Ассалом, эй тоҷи мардон, ассалом!

Тоҷикистонро чу гул сабзондаед,
Ассалом, маҳбуби халқон, ассалом!

Шарқу Ғарб аз дӯстӣ пайвастаед,
Ассалом, эй шеди тобон, ассалом!

Бо Шумо тоҷик бахту ном ёфт,
Ассалом, мақбули Яздон, ассалом!

Аз Шумо рӯҳи ниёгон розӣ аст,
Ассалом, эй нек инсон, ассалом!

Ассалом, эй пешвоиро сазо,
Шоҳ Исмоили Сомон, ассалом!

* * *

Шумо марди хирадманди замонед,
Шумо марди ҳунарманд аз Каёнед.

Ба кайҳони адолат карда парвоз,
Ки бо сулҳи замона парфишонед.

Забону миллати мо дар тараққӣ,
Шумо испанди фарҳангу забонед.

Ба ҳарҷо дӯстӣ партавфишон шуд,
Адолатпарваре рӯи ҷаҳонед!

* * *

Эй баландахтар, Худо ёрат бувад,
Лутфу эҳсонаш мададгорат бувад.
Ифтихори миллату Модар-Ватан,
Сулҳ доим кору пайкорат бувад.

* * *

Чу Помир дар баландӣ сар ба афлок,
Сарат ҳаргиз нагардад заррае хам.

Ту бо паймону аҳдат устуворӣ,
Сифоти раҳбарӣ дар туст маҳкам.

Худоят бахтро карда муяссар,
Ки тоҷик дар ҷаҳон бошад мукаррам.

## КОВАИ ЗАМОН

Ватанхоҳу меҳанпарасту далер,
Ба майдони мардӣ ба кирдори шер.

Зи тухми каёни ҳумоюннажод,
Яке шоҳи бодонишу дину дод.

Бимонда нишоне зи Сомониён,
Сазовори авранги Сосониён.

Дилогоҳу бинову равшанзамир,
Чу хуршеди тобону бадри мунир.

Шиновар ба баҳри гуҳарбори ҳилм,
Гуҳарҷӯ ба дарёи фарҳангу илм.

Накӯкору боҷуду бартарманиш,
Беҳандешу беҳкору некӯкуниш.

Хирадманду пурдонишу додгар,
Ватанро зи бадхоҳ озодгар.

Ба хубиву некӣ баровард ном,
В-аз ин рӯ шуда манбаи эҳтиром.

Пароканд чун лашкари Аҳриман,
Аз ӯ шодмон шуд ҳама анҷуман.

Бикушт ӯ ҳамон марди Заҳҳокро,
Биронд аз меҳан деви нопокро.

Ватанро зи ҷанги бад озод кард,
Дили марди озодро шод кард.

Зи чанголи деву дами аждаҳо
Ватанро намуд он диловар раҳо.

Чу бар тахти доду хирад бар нишаст,
Миёни баҳри хизмат ба мардум бибаст.

Бикӯшид то кишвари тоҷикон
Шуд ободу андар беҳӣ достон.

Ба хоки Ватан тухми хубӣ бикишт,
Бадал шуд ба дасташ чу хуррам биҳишт.

Чу ӯ номи некон ҳама зинда сохт,
Ҷаҳон Тоҷикистонро ба некӣ шинохт.

Аз ӯ ориёнӣ барафрохт сар,
Ки кард ӯ дурафши каён ҷилвагар.

Биёмад яке Кова аз нав падид,
Ки морони Заҳҳокро сар бурид.

* * *

Аз қуллаи Истиқлол, аз теғаи Озодӣ
Хуршеди ҳаёти мо бикшод рухи шодӣ.

Гарчанд сарафканда, гардид пароканда
Аз дасти ду-се ганда тоҷик ба ҳар водӣ.

Сад шукр, ки халқи мо, якдил шудаву як ҷо,
Худ нуқтаи таммат монд бо дод ба бедодӣ.

Шукрона, ки пайвастем, имрӯз ба ҳам ҳастем,
Мардона камар бастем аз нав пайи ободӣ.

Аз марҳилаи мушкил бигзашта, шуда якдил,
Обод кунад манзил ин марду зани одӣ.

Бо амри дилу виҷдон, бо Нораку бо Роғун,
Созем чароғистон ин хонаи аҷдодӣ.

Бо Рустами рӯинтан, бо Шераки шерафкан
Дорем ҳама як тан, ҳамаслию ҳамзодӣ.

Дар домани ин гардун ҳар давр шуда афзун,
Аз хун гузарад бар хун ин мардию ин родӣ.

Минои раҳи иқбол, эй машъали Истиқлол,
Нур афканӣ милён сол аз қуллаи Озодӣ!

Сарводаи истиқлол аз табъи Ҳарифӣ чӯ,
Дорад сухани некӯ дар мактаби эҷодӣ.

# МУНДАРИЧА

Кишвари мо ........................................................ 3
Машъали сулҳ .................................................... 4
Тоҷикистони комрон ........................................ 5
Душанбе............................................................. 6
Шоҳи дилҳо ........................................................ 7
Ассалом ............................................................. 8
Эй баландахтар .................................................. 9
Чу Помир дар баландӣ сар ба афлок ............. 10
Коваи замон...................................................... 11
Аз қуллаи Истиқлол, аз теғаи Озодӣ............. 15

ИН КИТОБ БО ТАМҒАИ
НАШРИЁТИ «АДИБ»
ЧОП ШУДААСТ.

**Ғафури Мӯъминзод**

**ШУКРОНА**
(шеърҳо)

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 11.01.2011 супурда шуд.
Чопаш 19.01.2011 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 1,25 Андозаи 60х84 1/16.
Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17а

Дар матбааи «Шарқи Озод» ба табъ расидааст.
ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16